# СИМОИ ГЕНДЕРИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Муаллиф: Қурбонов С. - мутахассиси Раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва соҳаи иҷтимоии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Санаи нашр: Декабри соли 2013**

Муҳоҷирати меҳнатии берунӣ – ин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти нисбатан нав аст, ки сабабгори он воқеаҳои давраи навтарини дар таърихи мамлакат баъди ба даст овардани истиқлол рӯйдода мебошанд.

Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хеле рӯзмарра ҳастанд ва оқилона истифода бурдани онҳо ба устуворӣ ва бо муваффақият ворид гардидани муҳоҷирони меҳнатӣ ба воқеиятҳои нав мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва ҳам муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ бинобар зиёд будани суръати рушди шумораи аҳолӣ ва маҳдудияти бозори дохилии меҳнат мавриди ниёз боқӣ мемонанд.

То имрӯз таъсири муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисоди мамлакат ҳам осори манфӣ ва ҳам осори мусбат мегузорад, вале вақтҳои охир таъсири дуюмӣ нисбати аввала бештар аст. Он ба шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣ, рушди сатҳи истеъмолот ва андӯхт дар натиҷаи зиёд шудани даромади аҳолӣ ва ворид гардидани асъори хориҷии таъминоти анбӯҳи молии истеҳсолии мамлакатро надошта таъсир мерасонад. Суръати баланди рушди аҳолии мамлакат дар солҳои охир сабаби зиёдшавии шумораи кувваи корӣ гардид, ки иқтидорашон дар бозори дохилии меҳнат мавриди истифодабарӣ қарор нагирифта, онҳо ба ҳайати муҳоҷирони нави меҳнатӣ пайваст гардидаанд.

Омилҳои асосии аз кишвар ба бозори байналмилалии меҳнат равонсозандаи қувваи корӣ инҳо мебошанд: сатҳи пасти музди меҳнат ва фарқияти зиёди пардохти меҳнатӣ дар бозори дохилии меҳнат (бахши расмии иқтисодиёт дар назар аст) ва бозорҳои байналмилалии меҳнат;

сатҳи баланди бекорӣ махсусан дар байни ҷавонон, камбизоатӣ; дар натиҷаи тағйироти сохтории иқтисодиёт хароб гардидани соҳаи шуғл, стратификатсияи (шиддат гирифтани) иҷтимоӣ, ки дар он камбизоатон ва сарватмандон дар шакли қутбӣ қарор хоҳанд гирифт.

Бо назардошти чунин факт, ки муҳоҷират дар аксари ҳолатҳо барои занон ва аъзоёни оилаҳои онҳо дар ҳудуди давлатҳои гуногун сабабгори проблемаҳои ҷиддӣ мегардад, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва аъзои оилаҳои онҳо масъалаҳои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои категорияҳои мазкури ҳамаи шахсонеро, ки дар ҳудуди онҳо қарор доранд, пешбинӣ менамояд.

Занон ба муҳоҷирати шавҳаронашон, новобаста аз мушкилоти эҳсосотӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми ӯҳдадориҳои онҳо пас аз рафтани шавҳарҳояшон (зиёд шудани сарборӣ оид ба тарбияи фарзандон, нигоҳубини аъзоёни барҷомондаи оилаҳо ва таъмини фаъолияти ҳаётии хонаводаҳо) назари мусбат доранд.

Аксари занон – аъзоёни оилаи муҳоҷирон дар ҳолати набудани шавҳар ё бо ягон сабабе ба оилааш пул нафиристодани он ба мушкилот дучор мегарданд. Ба занон дар баробари кор дар хоҷагии кишоварзӣ, ки душвор ва каммузд мебошад, ёфтани кори муносиб хеле мушкил аст. Худи занон ба машғулият дар бизнеси хурд, ҳам дар шакли соҳибкорӣ ва ҳам дар шакли шуғл ба ёфтани кори муносиб бештар таваҷҷӯҳ доранд.

Муҳоҷирати меҳнатии мардон ба ҳолати тарбияи фарзандон таъсири ҷиддӣ расонида, дар айни замон ба бад шудани маълумоти онҳо ва паҳн гардидани меҳнати кӯдакон мусоидат менамояд. «Фарзандони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, махсусан бачаҳое, ки саъй менамоянд падарҳояшон ва бародарони калонашонро иваз намоянд, барвақттар ба фаъолияти корӣ оғоз менамоянд». Созмони байналмилалии меҳнат: Ҳисоботи таҳлилӣ оид ба таҳқиқоти, соли 2007).

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди умумии муҳоҷирон дар соли 2012 877335 нафарро ташкил намуд, ки аз онҳо 124007 нафарро занон ташкил медиҳанд, ки зиёда аз 14,1 фоизро ташкил медиҳад:

| Кишвар | Тамоми муҳоҷирон | Аз ҷумла занон |
|---|---|---|
| Россия | 808664 | 101557 |
| Қазоқистон | 6899 | 2057 |
| Қирғизистон | 9330 | 2391 |
| Украина | 1127 | 415 |
| Ӯзбекистон | 11027 | 7352 |
| Афғонистон | 5556 | 1028 |
| Эрон | 6198 | 881 |
| Туркия | 6354 | 1958 |
| Хитой | 14076 | 3733 |
| Германия | 1378 | 440 |
| Мамлакатҳои араб | 6726 | 2195 |

Кишвари асосии қабулкунандаи муҳоҷирон Федератсияи Россия мебошад, ки дар ҳудуди он зиёда аз 92,1 фоизи муҳоҷирон, аз ҷумла 11,5 фоиз занон зиндагӣ мекунанд. Агар синну соли занон-муҳоҷиронро ба ҳисоб гирем, пас тасвири зерин пеши назар меояд:




Дар асоси маълумотҳои дар боло зикргардидаи оморӣ раванди ҷавон гардидани муҳоҷиронро қайд намудан лозим аст, яъне аз шумораи умумии занони дар соли 2012 муҳоҷиратнамуда 14297 нафар ё ки 12 фоизро духтарони то 18-сола, 48946 ё 39 %-ро аз 18 то 29-сола ва 59278 ё 48 %-ро аз синни аз 30 до 62-сола ташкил медиҳанд. Ҳамчунин шаҳрвандони аз 63 болотар низ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Шумораи умумии ин навъи аҳолӣ 9511 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 1486 нафар ё 15,6 фоизи шумораи умумиро занон ташкил медиҳанд.

Чӣ тавре ки мебинед, ҳамдиёрони ба синни нафақа расидаи мову шумо низ дар муҳоҷирати иҷбории меҳнатӣ қарор доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз шумораи умумии шахсони аз ҷумҳурӣ берунрафта 673434 нафар ба ҷумҳурӣ баргаштаанд, ки аз онҳо мардон 564130 нафар, занон - 109304 нафарро ташкил медиҳанд, 189198 нафар ё 33,5% мардон, 14703 нафар ё 11, 8 % занон дар хориҷа боқӣ мондаанд. Ба таври дигар гӯем, 203901 нафар, ё 23. 2 % шумораи умумии аз ҳудуди ҷумҳурӣ баромадагон ба кишвар барнагаштанд. Ин ҷо ба он таваҷҷӯҳ намудан лозим аст, ки агар ҳар сол 203901 нафар ҳамдиёронамон ба кишварҳои дигар раванд, дар ояндаи на он қадар дур моро чӣ интизор хоҳад буд? Ва аксари онҳо ҷавонони қобили меҳнат мебошанд. Худатон қазоват кунед!

Дар баробари муҳоҷирати меҳнатии аҳолии мард дар 12 соли охир зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатии занон низ ба назар мерасад.

Ҳамчунин қайд кардан бамаврид аст, ки сол то сол муҳоҷирати занон рӯ ба афзоиш овардааст. Агар нишондиҳандаҳои муҳоҷирати меҳнатии солҳои 2003 -2012-ро муқоиса намоем, пас ба чунин натиҷаҳо мерасем:

| Давраи муҳоҷират | Шумораи занон – муҳоҷирони меҳнатӣ |
|---|---|
| с. 2003 | 18 914 нафар |
| с. 2006 | 30 034 нафар |
| с. 2008 | 41 369 нафар |
| с. 2012 | 124007 нафар |

Чӣ хеле ки маълумотҳои соли 2012 нишон медиҳанд, шумораи муҳоҷирон назар ба соли 2008 3 баробар афзуда, 82638 нафар зиёд шудааст.

Ин зуҳурот, аз як тараф шиддати бозори дохилиро кам менамояд. Аммо аз тарафи дигар, дар аксари оилаҳое, ки волидайнашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, фарзандон бе нигаҳбонии зарурӣ боқӣ мемонанд, ки ин барои ҷомеаи мо зуҳуроти куллан номатлуб ба ҳисоб меравад. Бисёрии бачагон маҷбуранд, ки дар синни хурдсолӣ бармаҳал ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, қисмати зиёди бачагон таҳти таъсири зӯроварӣ қарор мегиранд Ва ҳамаи ин, хонандаи азиз, тақдири Максим Горкийро ба хотир меорад, ки дар асарҳои худ чунин қайд намудааст: «… дар бачагӣ ман бачагӣ надоштам». Чӣ хеле, ки қайд гардид, муҳоҷират дар маҷмӯъ ва аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатии занон дар оянда рӯ ба афзоиш хоҳад овард.

Барои он ки фикрамон бе асос набошад, маълумоти пешакии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳафт моҳи соли 2013 мисол меорем:




Дар давраи зикршуда аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 655 330 нафар муҳоҷират намудаанд, ки аз онҳо 558 949 нафарашон мардон ва 96 330 нафарашон занон мебошанд. Аз теъдоди умумии ба хориҷа рафтагон 547198 нафарашон муҳоҷирони меҳнатӣ ба шумор меравонд, ки аз онҳо 487245 мардон ва 59953 нафар – занон ҳастанд. Масъалаи дигаре, ки диққати тамоми мо ва ҳар як шахсро ҷалб менамояд, ин омодагии касбии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад.

Сифати тахассусии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз сатҳи ба талаботи бозори меҳнат мувофиқаткунанда хеле паст аст. Зиёда аз 85 фоизи бекорон, ки дар хадамоти шуғл ба қайд гирифта шудаанд, омодагии касбӣ надоранд ё бинобар фосилаи зиёди вақти аз меҳнат дур будан, маҳорати касбиашонро гум кардаанд. Бинобар ҳамин, беҳтар намудани иқтидори касбии захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ, ба яке аз

омилҳои калидии таъмин намудани ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон табдил ёфтааст, ки зарурати қатъиеро барои хар чӣ зудтар ташаккул додан ва такмил додани низоми касбии омӯзиши аҳолии калонсол ба вуҷуд меорад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва таъмини минбаъдаи рушди низоми омӯзиши касбии калонсолон, аз ҷумла бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази омӯзиши калонсолон бо филиалҳояш дар минтақаҳои мамлакат ташкил карда шуданд. Албатта, дар миқёси мамлакат ташкили чунин марказҳо ин танҳо қадами аввал ва зарурӣ дар ин самти пурзӯр намудани корҳо мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ба тахассуси пасти касбӣ ва тайёр набудани муҳоҷирони меҳнатӣ нигоҳ накарда, ба ҷумҳурӣ аз онҳо маблағҳои зиёди пулӣ ворид мегарданд.

Маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирон аз ҳама бештар ба рушди чунин соҳаҳо, аз қабили интиқолот (фаъолияти бонкӣ), туризм, нақлиёт, телекоммуникатсия ва савдо таъсир мерасонанд[1].

Таъсири интиқолоти пулӣ ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт низ зиёд мебошад: онҳо ба рушди чунин соҳаҳо, ба мисли сохтмон, хизматрасонӣ, бизнеси хурду миёна, савдо ва маориф таъсири мусбат мерасонанд.

Аз тарафи дигар, байни интиқолоти пулӣ ва рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, ба мисли маориф[2], саноат, кишоварзӣ ва ғайра таносуби манфӣ ҷой дорад.

Бешубҳа, маблағхои зиёд ва устувори пулӣ дар солҳои охир дар Тоҷикистог сабабгори мустаҳкам шудани қурби пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷии табдилшаванда гардиданд.

---

[2] Аз маориф дур мондани оилаҳое, ки дар онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуданд, васеъ паҳн гардидани истифодаи меҳнати кӯдакон.

Маблағи умумии асъори дар соли 2011 воридгардида комилан 2,970 млрд. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки ин аз нишондиҳандаи соли бӯҳронии 2008 зиёд аст (он вақт ин нишондиҳанда ба 2,670 млрд. долл. ИМА баробар буд). Чунин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2009 ва 2010 низ аз нишондиҳандаҳои соли 2008 кам мебошанд, ки ин ба бӯҳрони иқтисодиву молиявии авҷгирифта ҷаҳонӣ дар соли 2008 вобастааст. Дар давоми 7 соли охир аз рӯи баҳодиҳии Бонки умумиҷаҳонӣ, Тоҷикистон дар сархати кишварҳои интиқолотии пулии интиқолоти пулии муҳоҷиронашон нисбати ММД сатҳи баланддошта ҷой гирифтааст. Дар соли 2008 интиқолоти пулӣ нисбати ММД мамлакат 53%-ро, соли 2011 қариб 48%-ро ташкил дод. Дар солҳои охир аз тариқи каналҳои расмӣ интиқолоти пулӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле афзуданд ва дар солҳои 2008, 2009 ва 2010 нисбати нишондиҳандаи соли 2004 мутаносибан 1,8, 2,3 ва 2,7 баробар зиёд гардиданд. Маблағи пулии соли 2012 ба Тоҷикистон воридгардида ба 3 миллиарду 600 млн. долл. ИМА баробар шуд, ки ин тақрибан 48% ММД ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Маблағҳои пулии барои дастгирии оилаҳояшон фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти мамлакат таъсири калон мерасонанд. Дар ин ҷо ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки истифодаи оқилонаи маблағҳои воридгардида бояд аз ҷониби хонаводаҳо беҳтар истифода карда шаванд. Алҳол нисбати чунин маблағҳо муносибати истеъмолӣ ё тайёрхӯрона ба назар мерасад. Дар ин самт гузаронидани як қатор чорабиниҳои оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ (тренингӣ) бо мақсади аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок истифода бурдани маблағҳои пулии воридотии муҳоҷирони меҳнатӣ зарур аст.

Вобаста ба масъалаҳои бокортаъминкунӣ ба таъмини шуғли шаҳрвандон ва махсусан занон дар дохили мамлакат қайд кардан лозим аст, ки аз ҷониби сохторҳои масъули Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинихои гуногун гузаронида мешаванд. Таҳлили чорабиниҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи аз соли 2008 то 2013 беҳтаршавии куллие ба назар мерасад.

Дар соли 2008 бо мусоидати Агентии давлатӣ тавассути мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо 9 441 занон бо кори доимӣ таъмин гардида, 2 685 нафар занон ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб карда шуданд.

Дар се моҳи аввали соли 2009 3 600 нафар занон бо кори доимӣ таъмин гардиданд, 496 нафар занон бо кори доимии музднок таъмин гардиданд

Агар натиҷаҳои солҳои гузаштаро бо нишондиҳандаҳои соли 2013 муқоиса кунем, пас мебинем, ки танҳо дар семоҳаи аввали соли равон оид ба масъалаҳои бокортаъминкунӣ ба идораҳои мухталифи ҷумҳурӣ 12,3 ҳазор нафар мурочиат намудаанд, ки 7,5 ҳазор нафари онҳо бо кор таъмин гардидаанд. Дар назди Кумитаи занон Маркази «Боварӣ» амал мекунад, ки ба он аз рӯи масъалаҳои гуногун дар 3 моҳ зиёда аз 509 нафар духтарону занон мурочиат карда, сари вақт маслиҳатҳои хуқуқӣ ва психологӣ гирифтаанд.

Дар давоми 4 моҳи соли 2013 ба 258 нафар занон машварати ҳуқуқӣ ба 251 нафар занон машварати психологӣ дода шуд, 52 нафар занон оид ба масъалаҳои талоқ, алимент барои бачагон, 218 нафар оид ба масъалаҳои зӯроварӣ (64-тои онҳо аз ҷониби шавҳаронашон), 9 нафар – норозигӣ аз қарори судҳо, 3 нафар – кӯшиши таҷовуз ба номус, 23-то – муайян намудани муносибати падарӣ ва баҳсҳои меҳнатӣ мурочиат кардаанд. Танҳо дар ВМКБ бо кӯмаки грантҳои президентӣ барои духтарону занони аз оилаҳои камбизоат ба бизнес машғулбуда 350 ҷойҳои корӣ ташкил карда шуданд, ҳамагӣ дар вилоят 2,1 ҳазор нафар занон барои рушди истеҳсолот ва савдо аз бонкҳо ва МЗФ ба маблағи 14,2 млн сомонӣ қарзҳои хурд гирифтанд. Дар вилояти Хатлон шумораи занони ба бизнеси тиҷорат машғулбуда зиёда аз 3,6 ҳазор нафарро ташкил дод. Ба ин нигоҳ накарда, хонандаи азиз, дар тамоми чорабиниҳои зикршуда сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии қобили меҳнат ҳоло ҳам хеле зиёд мебошад. Шумораи

занони бекори дар аввали соли 2013 аз ҷониби мақомоти шуғл бақайдгирифташуда 13,9 ҳазор нафарро ташкил дод.

Мақолаи мазкур оид ба ҷанбаҳои равандхои гендерӣ, тамоюлҳо ва сабабҳои муҳоҷират маълумот медиҳад. Таҳлили мазкур дар оянда метавонад махзани хуби маълумоте гардад ва ба ташкилотҳои дахлдор барои шиносоӣ бо ҳолати муҳоҷират кӯмак расонида, қадамҳои минбаъдаро оид ба омӯзиш ва танзими он муайян намояд.

Чӣ хеле ки маълум аст, муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам дар ҷумҳурии мо ва ҳам дар таҷрибаи ҷаҳонӣ хусусиятҳои худро дорад ва онҳоро ба эътибор нагирифта, раванди муҳоҷиратро танзим намудан мушкил мебошад.

Ба фикри мо, коркарди комплексии барномаи давлатии танзими муҳоҷирати аҳолӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои инсонии мамлакат ва ташкили ҷойҳои нави корӣ барои давраи то соли 2030 яке аз қадамҳои муҳим дар ин самт ба ҳисоб меравад. Ҳангоми таҳияи чунин барнома ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ зарур аст.

Бинобар сатҳи пасти тахассусӣ дар хориҷа ба корҳои каммузд машғул шудани шаҳрвандони моро ба ҳисоб гирифта, зарур аст, ки марказҳои тайёр намудани муҳоҷирони меҳнатӣ бо назардошти талаботи меъёрии ҳуқуқӣ ва забонии мамлакатҳои тараққикарда дар асоси маълумоти воқеии оморӣ фаъолият намоянд.

Ба ҳама маълум аст, ки равандҳои муҳоҷиратӣ дар мамлакати мо хусусияти умумӣ ё устувор ва бемӯҳлат пайдо кардаанд. Бинобар ҳамин, талаботи воқеӣ, дар ташкили Институти муҳоҷират барои омӯзиши баҳодиҳии натиҷаҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва танзимшаванда, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба танзим ва дастгирии муҳоҷирон зарур аст. Дар ин самт дар соли 2013 дар заминаҳои байнидавлатӣ дар масъалаҳои бақайдгирӣ ва қабули иҷозатнома ба кор барои муҳоҷирони меҳнатии мо дар Федератсияи Россия пешравие ба назар мерасад, ҳар сол ба он мамлакат аз кишвари мо қариб 92% муҳоҷирон сафар мекунанд. Дар баробари ин

муҳим он аст, ки кори оид ба мусоидат ба робитаҳои самарабахш байни корфармоён ва коркунон, дастгирии давлатии сохторҳои хусусии миёнрав ва иштироки онҳо дар масъалаҳои қонунигардонии муҳоҷирон идома дода шавад.

Хеле муҳим аст, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии корҷӯён тавассути баҳодиҳии худӣ, тавонистани корҷӯӣ, рушди маҳорати муаррафӣ кардани худ; ташаккул ва рушди низоми ёфтани самти кор, машварат ва банақшагирии рушди вазифавӣ бисёр корҳо иҷро гардад.

Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқию иҷтимоӣ ва амнияти муҳоҷирон муносибати хеле ҷиддиро тақозо менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки хонандаи мӯҳтарам, танҳо дар 7 моҳи соли 2013 ба чумҳурӣ, 488-то, чӣ тавре, ки мегӯянд, «бори 200» оварда шудааст. Ва ҳамаи онҳо ҷавононе мебошанд, ки барои таъмини зиндагӣ ба хориҷа сафар кардаанд. Дар бораи ин рақам бисёр фикр кунед! Ҳар рӯз ду ҷасади ҳамдиёронамонро ба ҷумҳурӣ овардаанд. Ана барои чӣ масъалаҳои танзим ва ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва махсусан, ҷанбаҳои гендерии муҳоҷирати берунӣ ва дохилӣ истифодаи муносибатҳои гуногунсамтаро тақозо менамояд. Мехостам дар бораи проблемаҳои пешбурди баҳисобгирии бонизоми омории муҳоҷирон ба таври кӯтоҳ истода гузарам. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои пешбурди баҳисобгирии муҳоҷирони меҳнатӣ бо дастгирии СБМ махзан маълумот ташкил дода шудааст.

Айни замон масъалаи асосӣ ин таҷдиди махзани маълумот, яъне ҳаётӣ будани махзани тайёршуда мебошад. Дар ин ҷо ҳангоми пур намудани варақаҳо (карточкаҳо) мушкилӣ пеш меояд:

- на тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ онҳоро мустақилона хонапурӣ менамоянд;

- як қисми муҳоҷирони меҳнатӣ худро ба сифати туристон, соҳибкорон муаррафӣ менамоянд;

- дигар сохторҳои қудратӣ (қисман ҚС КДАМ) оид ба ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии маълумоти омории муҳоҷиратӣ мустақиман ӯҳдадор нестанд.

Вале дар ҷараёни татбиқи вазифаҳои мустақим оид ба назорати муҳоҷират дар дар нуқтаҳои убури сарҳадҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳангоми иҷрои назорати ҳуҷҷатои сафарӣ, гузаронидани пурсиши ибтидоӣ ва ошкор намудани дурустии ҳадафҳои изҳоршуда ва ниятҳои шахсони сарҳадро убуркунанда, маълумотҳои микдориро дар бораи шахсони аз сарҳадгузашта ҷамъоварӣ намуда, ба қайд мегиранд. Барои гузаронидани чунин чорабиниҳо вақт ниҳоят кам буда, гузаронидани талаботи иҷборӣ ба стандартҳои байналмилалии шаклҳои соддагардонидашудаи муоинаи мусофирон мухолифат менамояд.

Вазорати корҳои хориҷии Чумҳурии Тоҷикистон мутобиқи вазифаҳои ба зиммаи он гузошташуда чунин ваколатҳоро ба ҷо меоварад:

- Мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва манфиатҳои ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ҳамдиёрони дар хориҷа кор ва зиндагикунандаи моро ҳифз менамоянд;
- Тибқи тартиботи муқарраршуда ҳуҷҷатҳои паспортию визавиро омода менамояд.

Муассисаҳои консулӣ ва мақомоти ҳудудии намояндагии ВКХ инчунин тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадани шаҳрвандони хориҷиро ба низом медароранд. Дар қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки ба омадан ва рафтани шаҳрвандони хориҷӣ аз рӯи паспортҳои хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои онҳоро ивазкунанда дар сурати мавҷудияти раводиди (визаи) воридотии аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа додашуда иҷозат дода мешавад.

Раводидҳои корӣ ба иммигрантҳое дода мешаванд, ки ба таври қонунӣ ба мамлакат меоянд. Додани раводидҳои корӣ, ба шахсоне, ки ғайриқонунӣ меоянд, онҳое, ки раводиди корӣ намегиранд ва ба кор машғул мешаванд, мавҷудияти муҳоҷирати дуҷонибаи меҳнатӣ аз мадди назар берун мемонанд ва сабабгори пурра нагардидани баҳисобгирӣ мешаванд.

Дар заминаи воқеияти мавҷуда яке аз муҳимтарин кафолатҳои ҳалли оқилона ва самарабахши проблемаҳои муҳоҷират пешбурди дурусти омори сафари табиии аҳолӣ аз рӯи варақаи адреси маҳалли омадан ва рафтан тавассути хадамоти паспортӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳоҷирати меҳнатии беруна дар асоси картаҳои муҳоҷиратии хонапуринамудаи шаҳрвандони аз кишвар берунбаромадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.